| № | Таҳлили таъсири танзимкунии<br>лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби ташаккулдиҳӣ ва истифодаи Фонди роҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» | |
|---|---|---|
| 1 | Намуд ва номи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби ташаккулдиҳӣ ва истифодаи Фонди роҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» |
| 2 | Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 3 | Доираи шахсоне, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбат ба онҳо паҳн мегардад | Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар муносибатҳо оид ба ташаккули фонди роҳ иштирок менамоянд. |
| 4 | Мухлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 1 сентябри соли 2024 |
| 5 | Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии хукукӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи қарори мазкур дар Феҳристи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади маъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 декабри соли 2022 ҷойгир карда шуда, машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи қарори мазкур аз 4 ноябр то 4 декабри соли 2022 гузаронида шуд. |
| 6 | Маҷмӯи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиронии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз руйи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи қарори мазкур аз тарафи мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст. |
| 7 | Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он | Ҳамасола аз буҷети ҷумҳуриявӣ барои таъмир ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум |

| | | |
|---|---|---|
| | қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад | як миқдор маблағ пешбинӣ мегардад, ки дар доираи он таъмир ва нигоҳдории роҳои автомобилгарди истифодаи умум ба роҳ монда мешавад.<br><br>Бо ин мақсад дар соли 2024 ба маблағи 106,9 млн. сомонӣ барои таъмир ва нигохдории роҳҳои автомобилгард аз буҷети ҷумҳуриявӣ ҷудо гардид. Маблағҳое, ки барои таъмир ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум пешбинӣ мегарданд нокифоя буда, ба пойдории дороиҳои роҳ, ки ба маблаги зиёд бунёд шудаанд, таъсири манфӣ расонида, пеш аз мухлати меъёри истифодабарӣ вайрону валангоршавии онҳо боис мегардад.<br><br>Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит менамояд, ки ҳалли мушкилиҳои ҷойдошта танҳо дар мавриди таъсиси Фонди роҳ имконпазир мегардад ва дар оқибати қабул нагардидани чунин санади меъёрии ҳуқуқӣ, муносибатҳо вобаста ба таъсиси Фонди роҳ дуруст ба роҳ монда намешаванд, инчунин ҳангоми ҷалби сармоя барои рушди соҳаи нақлиёт монеаҳо пайдо мегарданд. |
| 8 | Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби ташаккулдиҳӣ ва истифодаи Фонди роҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади иҷрои супориши Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2021, №427(27-2) вобаста ба моддаи 33 қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2018, №1069 оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳаракат дар роҳ” ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Барномаи ҷорӣ намудани низоми идоракунии дороиҳои роҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2024” аз 31 декабри соли 2020, №706 ба тасвиб расидааст, аз ҷониби Вазорати нақлиёти Ҷумхурии Тоҷикистон таҳия гардидааст. |

| | | |
|---|---|---|
| 9 | Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбинишудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | Тартиби ташаккулдиҳӣ ва истифодаи Фонди роҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 боб 44 банд иборат буда, асосҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии фаъолияти Фонди роҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар намуда, бо мақсади истифодаи оқилона ва самараноки маблағҳои воридшудае, ки аз буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷети маҳаллӣ, грантҳо, қарзҳо, сармоягузориҳои дохилӣ ва манбаъҳои дигар, ки тибқи қонунгузорӣ пешбинӣ шудааст, барои сохтмон, таъмир ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум, харидории техника ва таҷҳизот, таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ, манбаъҳои таълимӣ ва дигар хароҷоту ваколатҳоро муайян менамояд.<br><br>Дар лоиҳа чораҳои зерин пешбинӣ карда мешаванд:<br>- баррасӣ, муайян ва тасдиқи самтҳои асосӣ ва афзалиятҳои фаъолияти Фонди роҳ;<br>- муайян ва мувофиқа намудани сохтор, басти вазифаҳо, меъёрҳо ва дигар нишондиҳандаҳои соҳаи роҳдорӣ;<br>- назорат оид ба истифодаи мақсадноки маблағҳои Фонди роҳ;<br>- сарчашмаҳои ташаккулдиҳии маблагҳои Фонди роҳ;<br>- муайян намудани самтҳои истифодаи мақсадноки маблағҳои фонди роҳ;<br>- идоракунии маблағҳои Фонди роҳ;<br>- муайян намудани тартиби таҳияи буҷети фонди роҳ;<br>- назорати истифодаи маблағҳои фонди роҳ.<br>Дар лоиҳа уҳдадориҳои зерин барои субъектҳои соҳибкорӣ пешбинӣ мегарданд:<br>1) супоридани пардохтҳо аз ҳисоби даромадҳои умумии ташкилот, корхонаҳо, ҷамъиятҳо, ширкатҳо барои нигоҳдорӣ ва истифодабарии роҳҳои автомобилгард дар ҳаҷми 1%;<br>2) пардохти ҳар солаи маблаг ба андозаи аз 3 то 20 нишондиҳанда дар вақти гузаронидани муоинаи техникии воситаҳои нақлиёти барои нигоҳдории роҳҳои автомобилгард;<br>3) аз ширкатхои нақлиётие, ки ба мусофиркашони |

| | | |
|---|---|---|
| | | машғуланд: такси ба андозаи 10 сомонӣ, маршруткаҳо ба андозаи 5 сомонӣ ва автобусҳо ба андозаи 2 сомонӣ барои ҳар як ҷойи нишаст дар як моҳ барои нигоҳдории роҳҳои автомобилгард пардохт карда шавад.<br>Дар лоиҳа маҳдудиятҳо барои субъектони соҳибкорӣ пешбинӣ намегарданд. |
| 10 | Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба муносибатҳо вобаста ба ташкил ва таъсис намудани фонди роҳ, муайян намудани тартиб, самтҳои хароҷоти фонди мазкур бо субъектоне, ки дар муносибатҳо оид ба ташаккули фонди роҳ иштирок менамоянд, гузаронида шуд. |
| 11 | Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | Фонди роҳ як намуди фондҳои ғайрибуҷетии давлатие, ки барои маблағгузории хароҷотҳо вобаста ба нигоҳдорӣ, таъмир, азнавсозӣ ва сохтмони роҳои истифодаи умум таъсис дода мешаванд.<br>Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи мазкур:<br>- сатҳи хизматрасониҳо вобаста ба нигоҳдории роҳҳо баланд мегардад;<br>- сифати роҳҳои автомобилгард баланд мегардад;<br>- ҳуқуқҳои соҳибони воситаҳои нақлиёт ҳифз мегардад.<br>Оқибатҳои иқтисодии лоиҳаи мазкур:<br>- сармоягузорӣ вобаста ба нигоҳдории роҳҳо аз ҳисоби бахши хусусӣ зиёд мегардад;<br>- маблағҳо вобаста таъмир ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум, харидории техника ва таҷҳизот, таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ, манбаъҳои таълимӣ ва дигар хароҷотҳо самаронок истифода мешаванд. |

| | | |
|---|---|---|
| | | машғуланд: такси ба андозаи 10 сомонӣ, маршруткаҳо ба андозаи 5 сомонӣ ва автобусҳо ба андозаи 2 сомонӣ барои ҳар як ҷойи нишаст дар як моҳ барои нигоҳдории роҳҳои автомобилгард пардохт карда шавад.<br>Дар лоиҳа маҳдудиятҳо барои субъектони соҳибкорӣ пешбинӣ намегарданд. |
| 10 | Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба муносибатҳо вобаста ба ташкил ва таъсис намудани фонди роҳ, муайян намудани тартиб, самтҳои хароҷоти фонди мазкур бо субъектоне, ки дар муносибатҳо оид ба ташаккули фонди роҳ иштирок менамоянд, гузаронида шуд. |
| 11 | Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоиӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | Фонди роҳ як намуди фондҳои ғайрибуҷетии давлатие, ки барои маблағгузории хароҷотҳо вобаста ба нигоҳдорӣ, таъмир, азнавсозӣ ва сохтмони роҳои истифодаи умум таъсис дода мешаванд.<br>Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи мазкур:<br>- сатҳи хизматрасониҳо вобаста ба нигоҳдории роҳҳо баланд мегардад;<br>- сифати роҳҳои автомобилгард баланд мегардад;<br>- ҳуқуқҳои соҳибони воситаҳои нақлиёт ҳифз мегардад.<br>Оқибатҳои иқтисодии лоиҳаи мазкур:<br>- сармоягузорӣ вобаста ба нигоҳдории роҳҳо аз ҳисоби бахши хусусӣ зиёд мегардад;<br>- маблағҳо вобаста таъмир ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум, харидории техника ва таҷҳизот, таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ, манбаъҳои таълимӣ ва дигар хароҷотҳо самаронок истифода мешаванд. |

| | | |
|---|---|---|
| 12 | Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва давригяти ҷамъоварии он | Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки низоми имрӯзаи ҷудокунии маблағҳо барои нигоҳдории роҳҳо, истифодабарии маҳсаднок ва самараноки онҳоро таъмин наменамояд, яъне маблағгузори барои нигохдорӣ нисбати маблағгузори барои сохтмон ва таҷдиди роҳҳо номутаносибӣ надошта, нигоҳдории роҳдои бо маблағҳои калон бунёду таҷдидшуда тибқи талаботи технологӣ таъмин намегардад ва роҳҳои автомобилгард пеш аз муҳлат вайрону валангор гардида, зарурияти аз нав таҷдиди онҳо ба вучуд меояд. |
| 13 | Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | 1 сентябри соли 2024 |

Вазир　　　　　　　　　　　　　　　　　　　　　　Азим Иброҳим